**аз 10.01.2018, №14**

«Оид ба назоратӣ камералӣ»

Мутобиқ ба талаботи моддаи 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз аз тарафи андозсупорандагон, ба танзим даровардани гузаронидани назорати камералии эъломияҳои (ҳисоботҳои) андозсупорандагон, риоя ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз аз ҷониби кормандони мақомоти андоз ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ, пешгирии такрорёбии назорати камералӣ, ташкили тартиби ягонаи ҳисоботҳо ва ҳуҷҷатгузории натиҷаи назорати камералӣ, додани имконият ба андозсупоранда барои мустаъқилона бартараф намудани номутобиқатиҳои дар эъломияҳои андоз ҷойдошта, инчунин пешбинӣ намудани маҳдудиятҳои иловагӣ дар барномаи СИА «Назорати камералӣ» барои роҳ надодан ба дахолати беасос ба фаъолияти андозсупорандагон, мутобиқ ба муқаррароти моддаи 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 16 Низомномаи Кумитаи андоз,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Шакли намунавии Санади назорати камералӣ тибқи Замимаи №1 ва Талабот барои тартиб додани Санади назорати камералӣ тибқи Замимаи №2 ба Фармоиши мазкур тасдиқ карда шавад.

2. Сардорони раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе, Нозироти андозсупорандагони калон, Нозироти андозсупорандагони миёна ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ уҳдадоранд:

- тибқи тартиби муқарраргардида оид ба гузаронидани назорати камералӣ ва барасмиятдарории натиҷаҳои назорати камералиро бо риояи талаботи Фармоиши мазкур таъмин намоянд;

-бо мақсади пешгирии эҳтимолияти қабули огоҳиномаҳои (қарорҳои) беасос аз натиҷаи назорати камералӣ ва пешгирӣ намудан аз бамиён омадани ҳолатҳои баҳснок бо андозсупорандагон, барои

ворид намудани огоҳинома ва қарор аз натиҷаи назорати камералӣ ба барномаи СИА «Назорати камералӣ» тибқи Фармоиши Раиси Кумитаи андоз дар Кумитаи андоз – сардори Шӯъбаи назорати камералӣ, дар Раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Суғду Хатлон, ш.Душанбе, ВМКБ - сардорони шӯъбаҳои санҷиши андозҳо ва сардорони шӯъбаҳои (бахшҳои) хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, дар НАК, НАМ ва шуъбаҳо ин нозиротҳо дар ш.Душанбе - сардорони шуъбаҳои аудит, дар шӯъбаи Суғдии НАК ва НАМ - сардорони ин шуъбаҳо ва дар нозироти андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - сардорони шӯъбаҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон вазифадор карда шаванд.

Дохил кардани маълумотномаи (Санади) назорати камералӣ ба барномаи СИА "Назорати камералӣ" танҳо баъд аз гузоштани дастхати сардорони раёсатҳои андоз (нозиротҳои андоз) ва дар шӯъбаҳои Суғдии НАМ ва НАК баъд аз гузоштани дастхати сардорони ин шӯъбаҳо дар қисмати болоии маълумотномаи (Санади) назорати камералӣ, амалӣ карда мешавад.

3. Мақомоти андоз вазифадор карда мешаванд, ки пеш аз чоп намудани огоҳиномаи (қарори) назорати камералӣ аз Барномаи СИА "Назорати камералӣ", нусхаи маълумотномаи (Санади) назорати камералиро, ки дастхат ва имзои сардорони раёсатҳои (нозиротҳои) андоз гузошта шудааст ба барнома ворид намоянд.

4. Дар рафти гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ ва аз тарафи Раёсати аудити дохилии Кумитаи андоз гузаронидани санҷишҳо дар фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз, гузаронидани назорати камералии эъломияҳои (ҳисоботҳои) андози андозсупорандагон манъ аст:

- ҳангоми дар рафти санҷишҳои амалиётӣ ва ё дигар шаклҳои корҳои назоратӣ аз ҷониби гуруҳҳои кории Кумитаи андоз ва нозироти андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ гузаронидашаванда муайян намудани ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои андоз, инчунин дар рафти аз ҷониби Раёсати аудити дохилии Кумитаи андоз ҳангоми гузаронидани санҷишҳои фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз муайян намудани ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои андоз, ки тибқи талаботи муқаррааргардида зарурияти гузаронидани назорати камералиро бамиён меоранд, бо пешниҳоди гузориши асосноки роҳбарони гуруҳҳои корӣ бо иҷозати Раиси Кумитаи андоз назорати камералӣ гузаронида мешавад;

- ҳангоми дар рафти санҷишҳои амалиётии аз ҷониби гуруҳҳои кории Раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Суғду Хатлон, ш.Душанбе, ВМКБ, НАК ва НАМ (инчунин шӯъбаҳои ин нозиротҳо дар ш.Душанбе ва в.Суғд) муайян намудани ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои андоз, ки зарурияти гузаронидани назорати камералиро бамиён меорад, бо пешниҳоди гузориши асосноки

роҳбарони гуруҳҳои корӣ бо иҷозати сардорони раёсатҳои андоз, НАК ва НАМ назорати камералӣ гузаронида мешавад.

5. Ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ риоя накардани талаботи яке аз бандҳои Фармоиши мазкур ва Тартиби муқарраргадида, асос барои беэътибор донистани назорати камералӣ мегардад ва нисбати сардорони воҳидҳои мақомоти андоз, инчунин кормандони масъули мақомот, ки ба қонунвайронкуниҳо роҳ додаанд, тибқи тартиби муқарраргардида чораҳои интизомӣ андешида мешавад.

6. Гузаронидани назорати камералии ҳисобот ва эъломияҳои андоз аз ҷониби дигар мақомотҳо манъ аст ва дар сурати ошкор шудани чунин ҳолатҳо, аз ҷумла муроҷиат намудани андозсупорандагон ба мақомоти андоз, натиҷаи назорати камералӣ бекор карда мешавад. Тибқи талаботи моддаи 65 Кодекси андоз, дигар мақомотҳо метавонанд, маълумотҳои дар ихтиёри худ доштаро барои гузаронидани корҳои назоратӣ расман ба Кумитаи андоз пешниҳод намоянд.

7.Раёсатҳои санҷиши андозҳо, ташкили андозбандӣ, хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, баҳисобгирӣ ва коркарди эъломияҳо, мақомоти ҳудудии андоз дар якҷояги бо КВД “Маркази барномасозӣ маъмурикунонии андоз” вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати мунтазам такмил додани Барномаи СИА “Назорати камералӣ” ва тариқи ин барнома ба роҳ мондани назорати риояи маҳдудиятҳои муқарраршуда, чораҷӯӣ намоянд.

8.Раёсати санҷиши андозҳо ва Раёсати хизматрасони бо андозсупорандагон Фармоиши мазкурро дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир намуда, дар Ҳафтавораи «Боҷу хироҷ» ба табъ расонад ва барои гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо шаҳрвандон – андозсупорандагон чораҷӯӣ намояд.

9.Шӯъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба маълумоти воҳидҳои сохтории Кумитаи андоз, раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ, шаҳри Душанбе, НАК, НАМ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дастрас намояд.

10.Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи Раёсати санҷиши андозҳо ва сардорони Раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ, ш.Душанбе, НАК ва НАМ вогузор карда шавад.

11.Фармоишҳои Кумитаи андоз аз 20.04.2016, №125 ва 13.01.2017, №34 аз эътибор соқит даниста шаванд.

Раис Н.Давлатзода

Замимаи № 1
ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «___» январи соли 2018, №___

Кумитаи андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
*(Раёсати /Нозироти андоз дар…)*

**С А Н А Д**

Аз натиҷаи назорати камералӣ нисбати ______________________________________________
(номи пурраи андозсупоранда, РЯМ/РМА)

барои давраи ______________________________________________________________________
(давраи зери назорати камералӣ қарор дода шаванда)

_________________________________ ______________
(ҷои тартиб додани санад-макомоти андоз) (сана)

Аз ҷониби ман, ______________________________________________________
__________________________________________________________________________
(ному насаб, мансаб, Раёсати (шӯъбаи) Кумитати андоз (Раёсати / Нозироти андоз дар шаҳри (ноҳияи)…)

мутобиқ ба муқаррароти банди 4 қисми 3 моддаи 22, моддаи 37 ва қисми 4 моддаи 65 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи Стандартҳои ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ки бо Фармони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июли соли 2017 таҳти № 316 тасдиқ карда шудааст, дар фаъолияти
__________________________________________________________________________
(номи пурраи андозсупоранда, РЯМ / РМА)

*(минбаъд номи кутоҳкардашуда –ҶДММ «…»/СИ…)* бевосита дар асоси омӯзиш, таҳлилу муқоисаи ҳисоботҳои (эъломияҳои) андоз ва дигар маълумотҳои ба мақомоти андоз пешниҳоднамудаи андозсупоранда, инчунин маълумотҳои мутобиқ ба қисми 4 моддаи 65 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасшуда, назорати камералии эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз барои давраи аз «__»_____ соли 20__ то «__»_____ соли 20__ гузаронида шуд.

НОМГӮИ АНДОЗҲОИ ТАҲТИ НАЗОРАТИ КАМЕРАЛӢ ҚАРОР ДОДАШУДА:

– ___________________________;
(номгӯи андоз)

– _________________________ ………;
(номгӯи андоз)

Назорати камералӣ мутобиқ ба талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи андоз амалӣ карда шуд.

## 1. Қисми умумӣ

1.1. Назорати камералӣ санаи ________ оғоз карда шуда, санаи ________ ба
(таърихи рӯз) (таърихи рӯз)

анҷом расонида шуд.

1.2. Давраи таҳти назорати камералӣ қарор додашуда:
Аз “____” _________ 20___. то “____” ____________ 20___.
(сана) (моҳ) (сол) (сана) (моҳ) (сол)

1.3. Суроғаи ҳуқуқии андозсупоранда *(ҷои истиқомати соҳибкори инфиродӣ):*

________________________________________________________________

Ҷои фаъолияти андозсупоранда:_______________________________________

Дар баҳисобгири - бақайдгирии Нозироти андоз дар ____________________ бо

(ноҳияи, шаҳри)

гирифтани РМА_________ санаи «__» ________ соли 20____ ва РЯМ __________гузошта шудааст.

1.4. Назорати камералӣ дар асоси эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз ва муқоиса бо ҳуҷҷатҳои иловагии зерин гузаронида шуд:

________________________________________________________________

________________________________________________________________

(намудҳои ҳисоботҳои (хуҷҷатҳои) тахти назорати камералӣ қарор дода шуда, аз ҷумла аз ҳуҷҷатҳои аз дигар мақомот дастрасшуда,инчуни ндар мавриди зарурӣ номгӯи онҳо дарҷ ва замима карда мешаванд)

1.5. Аз натиҷаи назорати камералӣ тибқи талаботи қисми 3 моддаи 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ____________________ Огоҳинома аз «__» __________

(номи кутоҳи андозсупоранда)

соли 20__ бо талаби дар мӯҳлати 10 – рӯзи корӣ пешниҳод намудани тавзеҳот ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ирсол карда шудааст. Аз ҷониби андозсупоранда тавзеҳоти асоснок ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда оид ба натиҷаи назорати камералӣ пешниҳод карда нашуд *(қисман ба маблаги _____ сомонӣ пешниҳод карда шуда, дар қисмати боқимонда, ки маблаги ______ сомониро ташкил менамояд).*

1.6. Дар асоси муқарраротӣ қисми 4 моддаи 37, моддаҳои 35, 36 ва зербанди 2 қисми 4 моддаи 65 Кодекси андоз натиҷаи назорати камералӣ тибқи тартиби барои санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз муқарраргардида вобаста ба номгӯи андози (андозҳои) ҳисобшуда ва ҳолатҳои дахлдори қонунвайронкуниҳои андози ошкоргардида, барасмият дароварда шуд.

***Эзоҳ**: Ҳангоми тартиби додани санад аз натиҷаи назорати камералӣ талаботи муқарраргардида вобаста ба тартиб додани санади санҷишии ҳуҷҷатии андоз, дар қисмати намуди андози (андозҳои) дахлдор бояд риоя карда шавад.*

1.7.Дар давраи зери назорати камералӣ қарор дошта,__________________ бо

(номи андозсупоранда)

андозсупорандагони бемасъулият (қисми 51 моддаи 17 Кодекси андоз), ки номгӯяшон бо фармоишҳои алоҳидаи Кумитаи андоз муқаррар гардидааст, иҷрои кор, хизматрасонӣ, харид ва ё таҳвили мол накардааст.

***Эзоҳ**: Агар бо ин гурӯҳ андозсупорандагон муомилоти молию пулӣ карда бошад, дар қисматҳои дахлдори маълумотнома дарҷ карда мешавад.*

## 2. Назорати камералӣ муайян кард:

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

(вобаста ба намуди андоз дар алоҳидагӣ факту рақамҳо бо асосноксозӣ ба моддаҳои дахлдори Кодекси андоз дарҷ карда мешавад)

***Эзоҳ.** Дар сурати ошкор гардидани қонунвайронкуниҳои андоз бо истинод ба моддаҳои дахлдори Кодекси андоз ё дигар санадҳои қонугузории андоз, асоснокӣ дарҷ карда мешавад. Ҳамзамон нусхаи ҳуҷҷатҳои асосноксозанда ба санад замима карда мешавад.*

## 3. Пешниҳодҳо

3.1. Санади назорати камералии риояи қонунгузории андоз дар фаъолияти ______________________________ дар давраи ________________ бо таври иловагӣ

(номи пураи андозсупоранда) (давраи зери назорати камералӣ)

маблағи _________ сомонӣ андозҳоро бе назардошти ҷарима ва фоизҳо муайян намуд.

Аз ҷумла: ____________________________________________________.

*(номгӯи андозҳо - маблағи аз натиҷаи назорати камералӣ ошкоргардида)*

3.2.______________________________________________________________________

(пешниҳодҳои санҷишгар барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва минбаъд роҳ надодан ба қонунвайронкуниҳои андоз)

3.3. Қарор аз натиҷаи санади назорати камералӣ, тибқи талаботи моддаи 36 Кодекси андоз қабул карда мешавад.

3.4. Дар ҳамин хусус санади назорати камералӣ дар ____ нусха тартиб дода шуд.

**<u>Имзо:</u>**

**Корманди мақоми андоз:**

___________________ (вазифа) ____________ (имзо) _____________ (ному насаб)

**Роҳбар** ____________ (имзо) _____________ (ному насаб)

**Сармуҳосиб** ____________ (имзо) _____________ (ному насаб)

Бо санад шинос шуда,
як нусхаашро гирифтам: ________________________ (вазифа, ному насаби андозсупоранда) ________ (сана) ________ (имзо)

Замимаи № 2
ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «___» январи соли 2018, №___

**Талабот барои тартиб додани санади назорати камералӣ**

Тартиби мазкур бо назардошти татбиқи дурусти муқаррароти моддаи 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба анҷом додани назорати камералӣ омода гардидааст.

1. Назорати камералӣ дар асоси талаботи моддаи 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Точикистон аз ҷониби кормандони мақомоти андоз, бе ягон қарори махсуси (амрномаи) роҳбари мақомоти андоз бо роҳи муқоисаи нишондиҳандаҳои эъломияҳои андози аз ҷониби андозсупорандагон ба мақомоти андоз пешниҳод гардида нисбат ба маълумотҳои дар ихтиёри мақомоти андоз ҷойдошта, аз ҷумла маълумоти аз дигар мақомот дастрасшуда, инчунин маълумоти аз мақомоти андози дигар давлатҳо пешниҳодгардида гузаронида мешавад. Чунин шакли назорат санҷиши андоз ба ҳисоб намеравад.

2. Назорати камералӣ танҳо дар биноҳои маъмурии мақомоти андоз аз ҷониби кормандони масъули мақомоти андоз гузоринида мешавад. Гузаронидани назорати камералӣ берун аз бинои маъмурии мақомоти андоз манъ аст.

3.Назорати камералии ҳисоботҳои андозсупоранда, ҳамчун хизматрасонии мақомоти андоз тибқи Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупоранда дар доираи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фармоиши мазкур амалӣ карда мешавад. Назорати камералӣ қисми таркибии низоми идоракунии хавфҳо мебошад.

4. Бо мақсади мусодат намудан дар пешгирӣ ва бартараф намудани қонунвайронкуниҳои андоз, бо роҳи анҷом додани назорати камералии эъломияҳои (ҳисоботи) андоз ва огоҳ намудани андозсупоранда, ба андозсупоранда имконият дода мешавад, ки то гузаронидани санҷишҳои андоз номутобиқатиҳои дар ҳисоботи (эъломияҳои) андоз ҷойдошта мустақилона бартараф намояд.

5. Гузаронидани назорати камералии ҳисобот ва эъломияҳои андоз аз ҷониби дигар мақомотҳо манъ аст ва дар сурати ошкор шудани

чунин ҳолатҳо, аз ҷумла муроҷиат намудани андозсупорандагон, натиҷаи назорати камералӣ аз ҷониби Раиси Кумитаи андоз бекор карда мешавад.

6.Тибқи талаботи моддаи 65 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомот маълумоти дар ихтиёри худ доштаро барои гузаронидани корҳои назоратӣ, аз ҷумла назорати камералӣ ба мақомоти андоз пешниҳод менамоянд. Аз натиҷаи назорати камералии маълумоти пешниҳодгардида Кумитаи андоз дар давоми 10 – рӯзи корӣ пас аз қабули қарор мақомоти дахлдорро тариқи хаттӣ огоҳ менамояд.

7. Дар доираи талаботи муқаррарнамудаи Кодекси андоз ва тибқи тартиби муқарраргардида эъломияҳои ба мақомоти андоз пешниҳодшаванда, давраҳои андозӣ, ба истиснои давраҳои қаблан таҳти санҷиши маҷмӯӣ ва мавзӯии андоз қарор додашуда, таҳти назорати камералӣ қарор дода мешаванд.

8. Назорати камералӣ дар муҳлати даъво, ки моддаи 66 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (5- сол) муқаррар намудааст, гузаронида мешавад.

9.Нисбат ба ҳар як огоҳиномаи назорати камералӣ парвандаи алоҳида тартиб дода мешавад, ки дар он тамоми ҳуҷҷатҳои алоқаманд ба назорати камералии гузаронидашуда ва чораҳои барои иҷрои огоҳиномаи (қарори) қабулшуда дар он нигоҳ дошта мешавад.

10.Ҷиҳати пешгирӣ намудани эҳтимолияти қабули огоҳинома ва қарорҳои беасос аз натиҷаи назорати камералӣ, пешгирии такрорёбии назорати камералӣ ва канорагирӣ намудан аз бамиён омадани ҳолатҳои баҳснок бо андозсупорандагон маҳдудиятҳои зерин муқаррар карда мешавад:

1) Нисбати як субъект дар 3 - моҳи пай дар пай на зиёда аз як маротиба назорати камералии ҳисоботи (эъломияҳои) андози ба мақомоти андоз пешниҳодгардида, ки қаблан таҳти назорати камералӣ қарор дода нашудааст (ба истиснои ҳолатҳои дар сархати дувуми ҳамин зербанд дарҷгардида), гузаронида мешавад.

Ҳангоми пешниҳод накардани эъломияҳои андоз ё мунтазам, зиёда аз 3- моҳ қарздор намудани буҷети давлатӣ аз ҳисоби баҳисобгирии ААИ, бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда пешниҳод намудани ҳисобнома - фактураи ААИ, ҳамчун андозсупорандаи бемасъулият эътироф шудани андозсупоранда ва ё бо андозсупорандагони бемасъулият анҷом додани амалиётҳои андозбандишаванда, инчунин ҷой доштани дигар ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои андоз, бо пешниҳоди гузориши асосноки сардорони мақомоти ҳудудии андоз ба Кумитаи андоз, бо супориши хаттии Раиси Кумита назорати камералӣ таъин карда мешавад.

2) Назорати камералии ҳисоботи (эъломияҳои) андози хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, ки қаблан таҳти назорати камералӣ қарор дода нашудааст, дар як сол як маротиба таҳти назоратӣ камералӣ қарор дода мешаванд.

3) Кормандони мақомоти андоз ҳуқуқи такроран амалӣ намудани назорати камералии эъломияҳои як намуди андоз ва барои ҳамон як давраи андозро (ҳисоботиро) надоранд. Дар сурати ҷой доштани далелҳои асосноки қонунвайронкуниҳои андоз вобаста ба ин давраҳои андозӣ, пас аз пешниҳоди гузориши дахлдори сардори мақомоти ҳудудии андоз, бо иҷозати Раиси Кумитаи андоз назорати камералӣ гузаронида мешавад.

4) Назорати камералии давраи қаблан таҳти санҷиши ҳуҷҷатии андоз қарор дода шуда, танҳо бо пешниҳоди гузориши дахлдор ва асосноки сардорони мақомоти ҳудудии андоз бо иҷозат ва дар мувофиқа бо Раиси Кумитаи андоз ҷамъбаст карда мешавад.

5) Назорати камералӣ дар фаъолияти андозсупорандагоне, ки:

-дар доираи маблағҳои грантӣ (кредитӣ) фаъолият менамоянд;

-дар фаъолияти корхонаҳои калони саноатии истеҳсолӣ, ки аз ҳисоби сармоягузориҳои хориҷӣ ва ватанӣ таъсис ёфтаанд ва (ё) дар доираи Созишномаҳои сармоягузории маъқулдонистаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд, инчунин дар воҳидҳои алоҳидаи онҳо ва;

-дар фаъолияти бонкҳо, ширкатҳои қарзӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, инчунин дар воҳидҳои алоҳидаи онҳо дар мувофиқа бо Раиси Кумитаи андоз гузаронида мешавад.

6) Назорати камералии эъломияҳои воҳидҳои алоҳидаи андозсупорандагони дар қайди НАК ва НАМ буда, ки дар дигар нозиротҳои андоз бо гирифтани рамзи сабабҳои баҳисобрӣ ва ё рақами мушаххаси андозсупоранда (РСБ ва ё РМА) дар баҳисобгирӣ гузошта шудаанд, дар мувофиқа бо Кумитаи андоз гузаронида мешавад.

7) Огоҳинома аз натиҷаи назорати камералии эъломияҳои андозсупорандагон, ки эҳтимолияти то 300,0 ҳазор сомонӣ ошкор шудани андозҳоро доранд, дар вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ, ш.Душанбе дар мувофиқа бо сардорони раёсатҳои андоз, дар НАК ва НАМ, аз ҷумла шӯъбаҳои онҳо дар ш.Душанбе ва в.Суғд, нозироти андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар мувофиқа бо сардорони нозиротҳои андоз қабул карда мешаванд.

Огоҳинома аз натиҷаи назорати камералии эъломияҳои андозсупорандагон, ки эҳтимолияти аз 300,0 ҳазор сомонӣ зиёд ошкор шудани андозҳоро доранд, дар мувофиқа бо Кумитаи андоз қабул карда мешаванд.

8. Назорати камералӣ, аз ҷумла оид ба масъалаҳои зерин гузаронида мешавад:

-мутобиқати байни ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи андозсупоранда ва маълумоту ҳуҷҷатҳое, ки дар мақомоти андоз мавҷуданд, аз ҷумла маълумоти оморӣ, омори гумрукӣ, маълумоти аз мақомоти давлатӣ ва дигар андозсупорандагон дастрасшуда, маълумоти аз мақомоти андози дигар давлатҳо воридгардида ва ин чунин дигар маълумот;

- бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда;

- қонунӣ будани истифодаи низомҳои андоз;

- қонунӣ будани истифодаи имтиёзҳои андоз.

9.Назорати камералии эъломияҳои (ҳисоботи) андоз аз марҳалаҳои зерин иборат мебошад:

- назорати ҳисоби дурусти манбаҳои андозбандӣ;

-назорати дурустии ҳисоби арифметикии нишондодҳои дар эъломияҳои (ҳисоботи) андоз дарҷшаванда, бо роҳи муқоисаи нишондиҳандаҳои сатр ва сутуни эъломияҳо, ба шакл ва тартиби тасдиқгардида;

- назорати асоснокии тарҳҳои андозии дар эъломияҳои (ҳисоботи) андоз дарҷгардида;

- назорати аз ҷониби андозсупоранда дуруст истифода намудани меъёр ва имтиёзҳои андоз, мутобиқати онҳо ба талаботи қонунгузории андоз.

10. Назорати ҳисоби дурустии андозбандӣ, ки дар эъломияҳои (ҳисоботи) андоз дарҷ гардидаанд, аз марҳилаҳои зерин иборат мебошад:

-назорати алоқаи мантиқии байни ҳисоботҳои алоҳида ва нишондиҳандаҳое, ки барои муайян намудани манбаҳои андоз зарур мебошанд;

-алоқамандии нишондиҳандаҳои ҳисоботи муҳосибавии ба мақомоти андоз пешниҳодгардида ба эъломияҳои андоз, инчунин нишондиҳандаи алоҳидаи эъломияҳо бо намудҳои гуногуни андозҳо;

-назорати муқоисавии нишондиҳандаҳои эъломияҳои (ҳисоботи) андоз бо нишондиҳандаҳои давраи ҳисоботии гузашта ва нишондиҳандаҳои андозсупорандагони шабеҳи фаъолият;

-баҳодиҳии маълумотҳои ҳисоботи муҳосибавӣ бо эъломияҳои андоз аз нуқтаи назари мутобиқати маълумоти дар мақомоти андоз мавҷуд буда ва маълумоти дар бораи фаъолияти молиявӣ – хоҷагидории андозсупоранда , ки аз дигар манбаъҳо дастрас шудааст.

11. Амалан дар ҷараёни назорати камералӣ кормандони мақомоти андоз тадбирҳои зерини назорати андозиро анҷом медиҳанд:

- аз андозсупоранда, контрагентҳои андозсупоранда ва дигар шахсони алоқаманд ба назорати камералӣ тибқи тартиби муқарраргардида дархост намудани ҳуҷҷатҳо, ки алоқаманд ба мавзӯи назорати камералӣ мебошанд;

- дар сурати ба миён омадани зарурият пурсиши шоҳидон, таъини ташхис, ҷалби мутахассисон ва тарҷумонҳо;

- тибқи тартиби муқаррагардида, бо тартиб додани санади дахлдор гирифтани ҳуҷҷатҳои алоқаманд ба назорати камералӣ.

12. Барасмиятдарории натиҷаи назорати камералӣ.

Тартиби барасмиятдарории натиҷаи назорати камералӣ аз ошкор шудан ё нашудани номутобиқатиҳо дар эъломия ва ҳисоботи андоз, инчунин дигар маълумоти ба мақомоти андоз дастрасшуда алоқаманд аст.

Агар дар ҷараёни назорати камералӣ:

-номутобиқатиҳо ва ё хатогиҳоро дар эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз ошкор насозад, Санад тартиб дода намешавад;

-дар сурати ошкор гардидани эҳтимолияти ҷой доштани қонунвайронкуниҳои андоз, тибқи тартиби муқарраргардида ба андозсупоранда огоҳинома оиди дар муҳлати 10 рузи корӣ пешниҳод кардани тавзеҳот, ҳуҷҷатҳо ва иҷро намудани дигар уҳдадориҳои муқаррарнамудаи қонунгузории андоз фиристода мешавад;

- пеш аз чоп намудани огоҳиномаи назорати камералӣ аз Барномаи СИА “Назорати камералӣ”, нусхаи маълумотномаи назорати камералӣ, ки дастахат ва имзои сардорони раёсатҳои (нозиротҳои) андоз гузошта шудааст ба барнома ворид карда мешавад;

- ба Огоҳинома, маълумотнома аз натиҷаи назорати камералӣ, ки бо риоя ва ба инобат гирифтани шакли дар Замимаи №1 ба Фармоиш мазкур тасдиқгардида тартиб дода мешавад, замима гардида ба андозсупоранда пешниҳод карда мешавад.

13. То ворид намудани Огоҳинома аз натиҷаи назорати камералӣ ба барномаи СИА “Назорати камералӣ”, корманди мақомоти андоз ҳуқуқи даъват намудани андозсупоранда ва баррасӣ намудани маълумотномаи назорати камералиро надорад.

14. Андозсупоранда мутобиқ ба талаботи моддаи 37 Кодекси андоз уҳдадор аст, ки дар давоми 10- рӯзи корӣ пас аз қабули Огоҳинома ва маълумотнома вобаста ба мавзӯи назорати камералӣ тавзеҳот ва ҳуҷҷатҳои асоснок пешниҳод намоянд ва (ё) ин ки тибқи тартиби муқарраргардида иҷроиши огоҳиномаро таъмин намояд. Ба андозсупоранда имконият дода мешавад, ки дар сурати ҷой доштани номутобиқатиҳои дар ҳисоботи андоз ва ё қонунвайронкуниҳои андоз, бо роҳи пешниҳоди тавзеҳоти асоснок ва ё пешниҳоди эъломияҳои иловагии андоз камбудиҳои ҷойдоштаро мустақилона бартараф намояд.

15.Корманди мақомоти андозе, ки назорати камералиро мегузаронад, дар навбати худ вазифадор аст, ки тавзеҳот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи андозсупорандаро таҳлил ва баррасӣ намуда, дар сурати асоснок будани тавзеҳот ва ҳуҷчатҳои пешниҳодгардида, тибқи тартиби муқарраргардида онҳоро ба инобат гирад.

16. Тавзеҳот ва ҳуҷҷатҳои алоқаманд ба мавзӯи назорати камералӣ, ки андозсупоранда пешниҳод менамояд, баррасӣ карда шуда, яке аз чунин хулосаҳо қабул карда мешавад:

- тавзеҳоти андозсупоранда агар тибқи талаботи қонунгузории андоз асоснок бошад, ба инобат гирифта мешавад;

- тавзеҳоти андозсупоранда дар қисмати асоснок будан баинобат гирифта шуда, дар қисмати боқимонда Санад тартиб дода шуда, қарори дахлдор қабул карда мешавад;

- бинобар сабаби асоснок набудан, тавзеҳоти андозсупоранда ба инобат гирифта нашуда, Санад тартиб дода шуда, қарори дахлдор қабул карда мешавад;

-мурочиати асосноки мақомоти андоз ва ё андозсупорандаро ба инобат гирифта Раиси Кумитаи андоз санҷиши ҳуҷҷатии андоз, аз ҷумла санҷиши такрорӣ таъин менамояд.

17.Дар мавриди дар муҳлати 10-рӯзи корӣ пешниҳод накардани тавзеҳот ва ё умуман пешниҳод накардани тавзеҳот аз натиҷаи назорати камералӣ Санад тартиб дода шуда, қарори дахлдор қабул карда мешавад.

18. Санад аз натиҷаи назорати камералӣ аз се қисм иборат аст:

а) Қисми умумӣ.

б) Назорати камералӣ муайян кард.

в) Пешниҳодҳо (натиҷагирии мақомоти андоз, пешниҳодҳо оиди бартараф намудани камбудиҳо).

Дар Санад ҷои тартиб додан ва сана, мансаби ишғолкарда, ному насаби корманди масъули мақомоти андоз, ки назорати камералиро гузаронидааст, дарҷ карда мешавад.

Баъдан номгӯи андозҳои таҳти назорати камералӣ қарор дода шуда қайд карда мешаванд.

Дар **қисми авали** Санад, маълумотҳои умумӣ нисбати андозсупоранда дарҷ карда мешаванд.

Инчунин дар мавриди зарурӣ, дар ин қисмат тартиби барои Санади санҷишии ҳуҷҷатии андоз пешбинӣ гардида, истифода мегардад.

Дар **қисми дуюми** Санад, дар асоси иттилоотӣ дар ихтиёри мақомоти андоз буда ва дигар маълумотҳои дастрасшуда, вобаста ба намудҳои андози таҳти назорати камералӣ қарор дода шуда маълумоти муфассал дода мешавад.

Қонунвайронкуниҳои андози дар рафти назорати камералӣ ошкор карда шуда, ба моддаҳои дахлдори Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ асоснок карда шуда, нусхаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба санад замима карда мешаванд.

Дар **қисми сеюми** Санад, пешниҳоди корманди мақомоти андоз, аз натиҷаи назорати камералӣ ва маблағи бо таври камералӣ илова ошкоргардидаи андоз, инчунин дигар талаботҳо оиди бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дарҷ карда мешавад.

19. Дар Санад ислоҳи навиштаҷот, тозакуниҳо манъ аст.

Санади назорати камералӣ дар воситаи қоғазӣ дар ду нусха тартиб дода шуда, саҳифагӯзорӣ карда мешавад. Як нусха тибқи тартиби муқарраршуда баъд аз бақайдгирӣ дар нигоҳдории мақомоти андоз ва нусхаи дуюм ба андозсупоранда дода мешавад.

Риояи шакли намунавии Санади назорати камералӣ тибқи Замимаи № 1 ба Фармоиши мазкур ҳатмист.

20.Нусхаи қарори мақомоти андоз ба андозсупоранда ва ё намояндаи вай дода шуда, имзояш гирифта мешавад. Агар пешниҳоди қарор ба андозсупоранда ва ё намояндаи вай ғайриимкон гардад, қарор тариқи почта бо мактуби фармоишӣ ва ё бо дигар роҳҳо, ки қонунгузории амалкунанда муқаррар намудааст ба андозсупоранда ирсол карда мешавад.

21. Огоҳиномаҳо ва қарорҳо аз натиҷаҳои назорати камералӣ, ки асоснокии онҳо дар рафти гузаронидани санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз баррасӣ карда мешаванд, пеш аз қабули қарор аз натиҷаи санҷиши ҳуҷҷатии андоз бо Кумитаи андоз мувофиқа карда мешаванд.

22.Тибқи тартиби муқаррарнамудаи Боби 14 Кодекси андоз андозсупоранда ҳуқуқи шикоят намудан аз болои қарори аз натиҷаи назорати камералӣ қабулгардидаро ба мақомоти болои андоз ва ё суд дорад.